Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

12 июни соли 2002. Чоршанбе № 44 (12787)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 18.00 имзо гардид.

# ТҲШ: таҷрибаи бои ҳамкорӣ ва имкониятҳои калони рағбатноксозии рушди муносибатҳо

## Суханронии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов дар саммити сарони давлатҳои Ташкилоти Ҳамкории Шанхай

Мӯҳтарам Владимир Владимирович!

Мӯҳтарам сарони давлатҳо ва аъзоёни ҳайати вакилон!

Пеш аз ҳама иҷозат фармоед ҳамаи шумоён, иштирокдорони саммити Ташкилоти Ҳамкории Шанхайро ҳайрамақдам гӯям ва ҳисси эҳтироми самимонаамро ба тамоми сарварони давлате баён кунам, ки дар ин ҷо ҳузур доранд.

Ба Владимир Владимирович Путин-барои меҳмоннавозӣ, ташкили хубу хушу хурсандонаи саммити кунунӣ дар шаҳри зебои Санкт-Петербург, ки дар таърихи фарҳанги Россияву Аврупо мақоми муҳимро ишғол менамояд, миннатдории махсуси худро баён мекунам.

Дар тӯли як соле, ки аз таъсис ёфтани ташкилоти мо дар Шанхай сипарӣ гардид, ҷомеаи ҷаҳонӣ марҳилаи ниҳоят мураккабу масъулиятноки рушди худро аз сар гузаронд. Вай бо ба вуҷуд омадани низоми нави хушсифати тартиботи ҷаҳоние тавзеҳ дода мешавад, ки бо муаммоҳои фундаменталӣ ва даъватҳои амнияти байналхалқӣ, дар навбати аввал, ба умумбашар таҳдид кардани терроризми байналхалқӣ, ки ба он рӯ ба рӯ гардидаасту имрӯзҳо ба яке аз хавфи таҳдид ба сулҳу осоиш ва мӯътадилӣ дар сайёраамон табдил ёфтааст.

Воқеаҳо ва далелҳои гузаштаи на он қадар дур боз як воқеаи даҳшатнокро намоиш дод, ки лозим меояд бо он ҳама ҳисобу китоб кунанд: ягон мамлакати ҷаҳон имрӯз худро аз ин таҳдиди даҳшатнок, ҳарчанд соҳиби силоҳи аз ҳама дақиқ ва пурқувват ва воситаҳои замонавии ядроиву ракетӣ бошад ҳам, бехавф ҳисобида наметавонад. Танҳо қувваҳои муштараки муттаҳидшудаи ҷомеаи ҷаҳонӣ барои боздошта ва аз байн бардоштани ин таҳдиди афзоянда ба инсоният қодиру қобил мебошад.

Ба ҳамин муносибат мо натиҷаҳои саммити россиягиву амрикоӣ ва дар Маскав ба имзо расидани ҳуҷҷатҳо, ҳамчунин дар Рим қабул гардидани Эъломияро дар бобати сифати нави муносибатҳои Россия ва НАТО хайрамақдам мегӯем ва воло арзёбӣ мекунем.

Аҳду паймони ҳосилгардида, ба фикри мо, маҳсули арзёбии ҳушёронаву оқилонаи вазъи ба амаломадаи байналхалқӣ мебошад ва бидуни шакку шубҳа ба таҳияи консепсияи наву асосаш эътимоди байниҳамдигарии амниятро дар саросари ҷаҳон мусоидат мекунад.

Мӯҳтарам иштирокдорони мулоқот!

Аҳамияти саммити кунунии Ташкилоти Ҳамкории Шанхайро пеш аз ҳама ҳуҷҷатҳои ба имзорасанда— Хартия, Эъломия ва Созишнома дар бораи сохтори минтақавии зиддитеррористӣ муайян месозад.

Хартия ва Эъломияи сиёсӣ, ҳамчун ҳуҷҷати асосии ТҲШ таҳкурсии заруриро барои фаъолияти доманадор дар доираи худи Ташкилот, ҳамчунин дар тамоми сохторҳои он, ки дар заминаи он созмон дода шуданашон мумкин аст, фароҳам оварда, ҳамчунин мақоми онро дар низоми равобити байналхалқӣ ва байнидавлатӣ муайян месозад.

Ӯзбекистон дар Хартия ва Эъломия вазифаҳои асосии мақсадноки эъломгардидаро, ки баҳри таъмини амният, сулҳу салоҳ ва мӯътадилӣ дар минтақа, мубориза ба муқобили терроризми байналхалқӣ, ҷудоиандозӣ ва экстремизм бо тамоми зуҳуроташ нигаронда шудааст, ҳамчунин мубориза бо нашъаҷаллобӣ ва паҳн гардидани силоҳи қатли ом, рағбатноксозӣ ва мададрасонии серҷонибаро ба ҳамкории иқтисодии ба ҳамдигар муфид, амалиёти мутақобила ҳамаҷонибаро дар соҳаи иҷтимоӣ, соҳаи инсонпарварӣ ва рушди фарҳанг хайрамақдам мегӯяд.

Амалӣ гардондани онҳо ва дигар мақсаду усулиятҳои муҳими ТҲШ бидуни шакку шубҳа аз бисёр ҷиҳат ба манфиатҳои давлатҳо-иштирокдори он ҷавобгӯст.

Дар ин ҳуҷҷатҳо нуктаҳои принсипиалии баёнгардида, аз қабили он ки ТҲШ блок ва ё иттиҳоди пӯшида намебошад, кушод будан, принсипиалӣ тайёр будани он ба муколама ва ҳамкории конструктивӣ бо тамоми давлатҳо ва ташкилотҳои байналхалқӣ мувофиқи мақсадҳо ва усулиятҳои Оинномаи СММ, меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ аҳамияти фавқулодда муҳим касб менамояд.

Мо бояд аз ҳамкорӣ бо ҳамаи онҳое, ки тарафдори рушди муназзам, собитқадаму устувори ҳар як давлат ва тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ мебошанд, манфиатдор бошем, ҳар гуна саъю кӯшиши сар задани ҳарифии геосиёсӣ ва муқовиматро соқит намоем.

Мо дар ин бобат қисми изҳоротеро, ки дар Эъломияи муштарак баён шудаасту онро Президентҳои Россия ва ИМА моҳи маи соли кунун ба имзо расондаанд: «Мо дар Осиёи Марказӣ ва Қафқози Ҷанубӣ манфиатҳои умумии худро дар мадад расондан ба мӯътадилӣ, соҳибихтиёрӣ ва якпорчагии ҳудуди тамоми давлатҳои ин минтақа диданамонро эътироф мекунем. Россия ва ИМА шакли ҳарифии «давлати бузург»-ро, ки қодири ҳаётӣ набудани худро нишон дод ва танҳо метавонад нерӯи низоъро дар ин минтақаҳо пурзӯр гардонад» ҷонибдорӣ мекунем.

Мӯҳтарам иштирокдорони саммит!

Аз маврид истифода бурда, мехостам баъзе мулоҳизаҳои худро оиди муаммоҳое баён созам, ки ба амнияти минтақаи мо, аз он ҷумла масъалаҳои танзими Афғонистон муносибати бевосита доранд.

Дар Ӯзбекистон ин ҳақиқати оддиро ҳамеша ба назари эътибор мегиранд. Ҳамсоягонро калону хурд гӯён интихоб намекунанд. Ва аз ҳамин сабаб, бо онҳо танҳо дар муҳити дӯстӣ, ризоият, таҳаммул, эҳтиром намудани шаъну шараф ва манфиатҳои миллии онҳо ҳаёт ба сар бурдан лозим. Ва муносибати принсипиалии мо ба Афғонистон аз ҳамин нуқтаи назар аст.

Бояд эътироф намуд, ки ба он нигоҳ накарда, ки амалиётҳои асосии ҳарбии зиддитеррористӣ дар Афғонистон ба анҷом расида, инфрасохтори террористӣ амалан несту нобуд карда шудаанд, пешомади вазъиятро дар мамлакати мазкур ҳамоно муайян кардан душвор мебошад. Имконияти аз нав гурӯҳбандшавии қувваҳои ҳарбиву сиёсӣ, фаъол гардидани боқимондаҳои дастаҳои террористӣ, сар занондани набардҳо байни қувваҳои муайян ва гурӯҳҳои мухталифи дохилиафғонистониро аз назар соқит кардан мумкин нест.

Зиёда аз ин дар Афғонистон ба миқдори зиёд техникаи ҳарбӣ, силоҳ, минаҳо, лавозимоти ҳарбӣ мавҷуданд, ки дар солҳои ҷанг ғун шудаанд. Аз байн бардоштани ин нерӯи харобиовар ё тавассути маҳв кардан ва харид намудан яке аз вазифаҳои таъхирнопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Ба фикри мо, демилитаризатсия шарти муҳими мӯътадил гардондани вазъият дар Афғонистон ба ҳисоб меравад.

Аз Афғонистон сар задани нашъаҷаллобии торафт доманадоршудаистода ҳавфи калонро ба вуҷуд меоварад. Мутаассифона, дар ин бобат, ба изҳоротҳои сершумор нигоҳ накарда, саъю кӯшиши махсус дар доираи Созмони Милали Муттаҳид ва дигар сохторҳои байналхалқӣ дар бобати таҳияи барномаҳои ризомангардида ба назар намерасад, ки метавонист саъю кӯшиш ва имкониятҳои тамоми мамлакатҳои манфиатдорро дар мубориза муқобили ба ин иллат муттаҳид созад.

Бо он на танҳо аз ҳисоби пурзӯр кардани тадбирҳои сахту маъмурӣ, ба вуҷуд овардани ба ном «хатти амният» дар атрофи ҳудуде, ки нашъа рӯёнда мешавад, дар навбати аввал, ба назари мо, тавассути амиқан дигаргун сохтани сохторҳои иқтисодиёти Афғонистон, таъмини аҳолӣ бо меҳнати осоишта ва бунёдкорона мубориза бурдан мумкин аст.

Афғонистон имрӯзҳо дар остонаи қарори муҳим мебошад, ки дар рафти Лойя Ҷирғаи дар пешистода қабул мекунаду дар он бояд ҳукумати сернамоянда ба вуҷуд оварда шавад.

Аз он чиз, яъне Лойя Ҷирға чӣ қадар бомуваффақият мегузарад, бо кадом роҳ рафтани мамлакати мазкур, кадом низоми ҷамъиятиву сиёсӣ ва дар он кадом сохтори давлатиро ҷорӣ кардан вобастагӣ дорад. Ва он аз бисёр ҷиҳат сулҳу салоҳ, амният ва мӯътадилӣ дар тамоми минтақаи мо вобастагӣ дорад.

Мӯҳтарам сарони давлатҳо!

Маҷмӯи муаммоҳоро, ки бо амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ алоқаманд ҳастанд, мо баррасӣ намуда, набояд ҳамкории иқтисодиамонро аз ёд барорем, зеро пеш рафтани мамлакатҳои моро бо роҳи сулҳу осоиш ва мӯътадилӣ, фаровонӣ ва осудаҳолӣ танҳо амалиёти мутақобилаи серкирраи иқтисодиамон, шукуфонии иқтисодиамон таъмин карда метавонад.

Ҳамроҳ шудани захираҳои бой ва нерӯи калони илмиву интеллектуалии давлатҳои Осиёи Марказӣ бо нерӯ, имкониятҳои иқтисодӣ ва технологияҳои Россия ва Чин, ба назари мо, ба босамар амалӣ гардондани лоиҳаҳои муҳими инфрасохторӣ, рушди минбаъдаи ҳамкорӣ дар соҳаҳои тиҷорат, сармоягузорӣ ва дигар соҳаҳо баҳри манфиатҳои тамоми иштирокдорони ТҲШ мусоидат мекунад.

Дар қатори муаммоҳои авалиндараҷаи ҳамкории мо чунин масъалаҳо, аз қабили оқилона истифода бурдани захираҳои маъданиву ашёи хом, ба вуҷуд овардани инфрасохтори ба ҳам мутобиқи энергетикӣ, ҳифзи муҳити атроф ва бисёр дигарон истодаанд, ки аз ҳаллу фасли онҳо рушди устувору собитқадамонаи ҳар як мамлакат, умуман тамоми минтақа вобастагӣ дорад.

Дар бораи нақши ТҲШ дар ҳаллу фасли ин масъалаҳои ғайриоддӣ ҳарф зада, он чиз муҳим аст, ки ТҲШ ба ташкилоти ихчам, кушод мубаддал гардонда шавад, то ки ба воқеият ва имкониятҳои иштирокдорони ташкилот ҷавобгӯ бошад. Қувваҳоямонро на пароканда, балки барои масъалаҳои асосии ҳамкорие муттаҳид созем, ки баҳри манфиатҳои «раванди шанхайӣ» якхел ҷавобгӯ гарданд.

Дар бораи як қатор таклифҳо, ки оид ба вуҷуд овардани равандҳои институтсионалӣ ва аз нигоҳи ташкилӣ ба вуҷуд овардани ТҲШ баён гардидаанд, аз он ҷумла, оиди суръати баланд пайдо кардани кори Котибот ва фаъолияти гурӯҳи зиддитеррористӣ ҳарф зада, ба фикрам, ин масъалаҳо бояд мувофиқи тартиб, собитқадамона риоя намудани тамоми меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ ҳаллу фасл ёбанд. Баррасӣ кардани ин масъалаҳоро бояд ба мувофиқсозони миллиамон супорем, ки ба он ваколатдор кардаем.

Аз маврид истифода бурда, мехостам ниҳоят муҳим будани мулоқоти кунунии ба амал омада, рӯҳи муносибати боэҳтиромона, ҳамдигарфаҳмӣ ва эътимоди байниҳамдигарӣ, ба назар гирифтани тамоми ҷиҳатҳоро махсусан зикр намоям, ки ба рушди минбаъда ва таҳкими ҳамкорӣ байни мамлакатҳоямон ва халқҳоямон бешак хизмат мерасонад.

Ба диққату эътиборатон раҳмат.

## Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов 6-7 июни соли кунун дар Санкт-Петербург дар саммити Ташкилоти Ҳамкории Шанхай (ТҲШ) иштирок намуд.

Ташкилоти Ҳамкории Шанхай моҳи июни соли гузашта созмон ёфт. То он вақт сохтори мазкур «Панҷгонаи Шанхай» ном дошту баъди бо он ҳамроҳ гардидани Ӯзбекистон фаъолияти худро вусъат дод.

Дар саммити Санкт-Петербург натиҷаҳои корҳое, ки дар тӯли соли гузашта ба анҷом расонда шуданд, ҷамъбаст гардида, нақшаҳо барои оянда мавриди муҳокима қарор гирифтанд. Табиист, ки натиҷаи асосии саммит қабул гардидани Хартия мебошад. Он таҳкурсии ҳуқуқии ташкилоти наве гардид, ки дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ ба вуҷуд омадааст. Гуфтан мумкин аст, ки баробари ба имзо расидани Хартия корҳои ташкиливу ҳуқуқӣ дар доираи ТҲШ ба анҷом расиданд.

Мақсади асосӣ аз созмон додани Ташкилоти Ҳамкории Шанхай аз ҳамин иборат буд, то ки эътимоди байниҳамдигарии байни мамлакатҳои ҳамсоя таҳким бахшида, шароити мусоид ва имкониятҳои нав барои ҳамкории онҳо дар соҳаи амният, иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоӣ фароҳам оварда шавад. Имрӯзҳо самтҳои асосии амалиёти мутақобилаи серҷанба дар доираи ТҲШ масъалаҳои амният ва иқтисодиёт мебошад. Зеро ин ду омил ба ҳамдигар узван пайваст мебошанд.

Барои мисол масъалаи амниятро гирем. Фаҳмидан душвор нест, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳоли ҳозир ба муносибати нав ба муаммои мазкур эҳтиёҷманд мебошад. Муносибати мазкур бояд ба усулияти эътимод ва фоидаи байниҳамдигарӣ такя намояд. Агар бигӯем,ки ТҲШ муносибати нав, консепсияи навро нисбати амният таҳия намуд, ягон муболиғае намебуд. Ба Конвенсияи Шанхай оид ба мубориза ба муқобили терроризм, ҷудоиандозӣ вакстремизм, ки 15 июни соли гузашта ба имзо расида буд, Созишнома дар бораи сохтори байниминтақавии зиддитеррористӣ зам гардид.

Аз созмон ёфтани ТҲШ як сол гузашт. Вале дар ин фурсати кӯтоҳ дар сайёра тағйиротҳои қатъӣ рух доданд. Дар саросари ҷаҳон зарурати амалиёти ризомандгардидаи тамоми давлатҳо оиди таъмини амният эътирофи худро ёфт. Вале агар ин ҳамкорӣ танҳо дар доираи сохтори нирӯдор амалӣ гардонда шавад, дар он сурат натиҷаҳои назаррасро ба даст овардан душвор мегардад. Мамлакатҳои ҷаҳон бояд ҳамкории доманадорро ба роҳ монанд. Якҷоя бо мубориза ба муқобили чунин иллатҳо, аз қабили қочоқи силоҳ ва нашъа, ҷинояткории муташаккил, зарур меояд ба чунин муаммоҳои муҳим, аз қабили камбағалӣ, бекорӣ, бесаводӣ, пастзании нажодӣ, қавмӣ ва динӣ мубориза бурдан лозим меояд. Зеро таҳдид ба амният дар заминаи маҳз ҳамин муаммоҳо сар мезанад, танҳо одамони бекор, аз ҷиҳати маънавӣ қашшоқу ҷаҳонбинӣ ва тафаккурашон танг ба таъсири мафкураи бегона афтида мемонанд. Алқисса, чуноне ки Ислом Каримов борҳо зикр намудаанд, таҳкурсиҳои террор ва зӯроварӣ решакан карда шаванд.

Мамлакатҳо—узви Ташкилоти Ҳамкории Шанхай дар ин бобат аҳду паймон карданд, ки ҳамкориро бо назардошти ин самтҳо ва омилҳои мазкур инкишоф медиҳанд. Иштирокдорони саммит ҳамчунин зикр намуданд, ки барои пешгирӣ кардани террор ва зӯроварӣ ба зидди озодкунии пуле мубориза бурдан зарур аст, ки бо роҳи ғайриқонунӣ ба даст меоянд.

Президент Ислом Каримов дар рафти саммит ба масъалаи амният истода гузашта, зикр карданд, ки дар ин бобат муносибати принсипиалиро танзими вазъият дар Афғонистон тақозо дорад. Аз он ҷумла Президентамон зикр намуданд: «Ба он нигоҳ карда, ки амалиётҳои асосии ҳарбии зиддитеррористӣ дар Афғонистон ба анҷом расида, инфрасохтори террористӣ амалан несту нобуд карда шудаанд, пешомади вазъиятро дар мамлакати мазкур ҳамоно муайян кардан душвор аст. Зиёда аз он дар Афғонистон ба миқдори зиёд техникаи ҳарбӣ, силоҳ, минаҳо, лавозимоти ҳарбӣ мавҷуд аст, ки дар солҳои ҷанг ғун шудаанд. Аз байн бардоштани ин нерӯи харобиовар ё тавассути маҳв кардан ва ё харид намудан яке аз вазифаҳои таъхирнопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад».

Сарвари давлатамон ҳамчунин дар бораи зарурати мӯътадил гардондани вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ҳарф заданд. Барои ин кӯмаки калонмиқёси хориҷа зарур аст. Барои куллан тағйир додани иқтисодиёт, бо кор таъмин будани одамон ва бо ҳамин васила баргардондани онҳо ба ҳаёти осудаҳолона вақту меҳнати зиёдеро тақозо дорад. Аз он сабаб, ки амнияти Осиёи Марказӣ бевосита ба вазъият дар Афғонистон вобастагӣ дорад, узви ТҲШ дар бораи вусъат додани ҳамкорӣ дар кори минбаъда доманадор кардани кӯмак ба ин мамлакат барои аз нигоҳи иқтисодиву сиёсӣ эҳё бахшидани он баъди солҳои ҷангӣ аҳду паймон намуданд.

Ислом Каримов зикр намуданд, ки ҳамаҷониба рағбатноксозии рушди ҳамкории иқтисодӣ байни мамлакатҳоузви он бояд яке аз вазифаҳои асосии фаъолияти ТҲШ қарор бигирад. Президентамон зикр намуданд, ки барои рушди савдо ва муовизаи фаъолонаи маблағ шароити мусоидро фароҳам овардан, тез-тез мулоқотҳоро оид ба таҳияи барномаҳои дарозмӯҳлати ҳамкории серҷонибаи тиҷоративу иқтисодӣ гузарондан зарур аст. Масъалаҳои сохтмони коммуникатсияҳои нақлиётӣ, иншоотҳои энергетикӣ, истифодабарии об, истихроҷу нақли аҷноси энергетикиро муҳокима намуда, иштирокдорони саммит зикр карданд, ки таҳияву муштаракан амалӣ гардондани лоиҳаҳои дурнамо дар ин соҳаҳо барои тамоми давлатҳо—иштирокдори он ҳаматарафа фоидаву муфид мебошад.

Чуноне ки дар рафти мулоқот зикр ёфт, ҳамкорӣ дар масъалаҳои амният ва муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ бо ҳамдигар узван алоқаманд мебошанд. Агар равобит дар соҳаи амният ҳамкории иқтисодиро рағбатнок созад ва вай дар навбати худ, равобитро дар масъалаи амният пурзӯр мегардонад.

Чуноне ки Ислом Каримов зикр намуданд, асоси муносибатҳои мутақобилаи байни мамлакатҳоро равобити тиҷоративу иқтисодӣ ташкил медиҳад. Дар давлатҳое, ки байни онҳо маҷрои молҳо, хизмат ва сармояҳо фаъолона амалӣ мегардад, эътимоди байниҳамдигарӣ хеле меафзояд. Ва он дар минтақаи муайян ба таъмини мӯътадили амният оварда мерасонад. Аз тарафи дигар мамлакатҳое, ки ҳамкории зичро дар соҳаи амният ба роҳ мондаанд, ҳудуди шарикони худро хуб медонанд ва дар соҳаи иқтисодиёт пеш аз ҳама ба роҳ мондани ҳамкориро бо онҳо афзал медонанд. Баробари ин, алҳол минтақаи ТҲШ-ро аз нуқтаи назари стратегӣ минтақаи калони амният ва масоҳате номидан мумкин аст, ки имкониятҳои калонро барои рушди ҳамкории иқтисодӣ молик аст.

Боз як махсусияти муҳимро зикр кардан лозим меояд. Дар саммити Санкт-Петербург Эъломияи сарони давлатҳо ба имзо расид. Дар он дар банди алоҳида зикр ёфтааст, ки ТҲШ блоки ҳарбӣ ва ё иттиҳоди пӯшида намебошад, вай ба дигар мамлакат ва ё гурӯҳи давлатҳо худро муқобил намегузорад. ТҲШ метавонад ҳамкории доманадорро бо дигар ташкилотҳо ва мамлакатҳо дар пойгоҳи манфиатдории байниҳамдигарӣ, мувофиқи меъёрҳои ҳуқуқҳои байналхалқӣ ба роҳ монад, сафи худро аз ҳисоби аъзоёни нав зиёд кунад. Алқисса, дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ корро дар пойгоҳи усулиятҳои демократия, эҳтиром ва эътимоди байниҳамдигарӣ ба роҳ мемонад. Аз ҳамин сабаб алҳол як қатор давлатҳо мақсадҳо ва вазифаҳои ТҲШ-ро барои худ қобили қабул пиндошта, хоҳиши ба ин ташкилот ҳамроҳ гаштанро баён мекунанд.

Дар Эъломия махсусан зикр ёфтааст, ки узви ТҲШ ташаббуси Ӯзбекистонро дар бобати аз силоҳи ядроӣ орӣ будани минтақаи Осиёи Марказӣ ҷонибдорӣ мекунад. Ва он боз як эътирофи байналхалқии сиёсати сулҳдӯстонаест, ки роҳбарияти мамлакати мо ба рӯи об мебарорад.

Комёбиҳои ТҲШ бо ҳамин анҷом намеёбад. Ташкилот дар бобати мӯътадилгардонии вазъият дар ҳудудҳои сарҳадӣ, дар рушди ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ таҷрибаи бойро молик аст. Ва имрӯзҳо, вақте ки раванди умумбашаригардонӣ пурзӯр мегардад, ба пешрафти иҷтимоиву иқтисодӣ бидуни ҳамкории байналхалқии калонмиқёс ноил гардидан душвор аст. Давлатҳо ҳамсоягонро интихоб намекунанд. Аз ин мебарояд, ки аз рӯи аҳду паймон ва ризоияти байниҳамдигарӣ амалиёти мутақобиларо пеш баранд. ТҲШ ин ҳақиқати оддиро дар амал татбиқ мекунад.

Дар Санкт-Петербург Президент Ислом Каримов бо сарварони Россия, Чин ва Тоҷикистон вохӯрд.

Россия яке аз шарики калони иқтисодии Ӯзбекистон ба ҳисоб меравад. Ҳиссаи Россия дар савдои берунаи мамлакатамон 23 фоизро ташкил медиҳад. Ҳангоми мулоқот ба Владимир Путин бо қаноатмандӣ зикр ёфт, ки ҳаҷми муовизаи мол байни мамлакатҳоямон ба 1 миллиард доллари ИМА афзудааст. Масъалаҳои рушди минбаъдаи равобити тиҷоративу иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Мавзӯи асосии муколамаро бо Раиси ҶМЧ Цзян Цзэмин ҳам масъалаҳои ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ ташкил дод. Ҷонибҳо ба рушди коммуникатсияҳои нақлиётӣ диққату эътибори заруриро нигаронданд.

Дар рафти гуфтушунидҳои Ислом Каримов бо Эмомалӣ Раҳмонов масъалаҳое мавриди муҳокима қарор гирифтанд, ки ба амният дар минтақаи Осиёи Марказӣ, вазъият дар Афғонистон ва муносибатҳои мутақобилаи байни Ӯзбекистону Тоҷикистон алоқаманд буданд.

Ҳамин тавр дар Санкт-Петербург асоси ҳуқуқии Ташкилоти Ҳамкории Шанхай гузошта шуд. Ҷоиз аст қайд намоем, ки ҳангоми мулоқот Ислом Каримов истилоҳи худ «Раванди Шанхай», Цзян Цзэмин бошад, истилоҳи «Вазифаи Шанхай»-ро истифода бурданд. Ва он аз ҳамин гувоҳӣ медиҳад, ки мамлакатҳо-узви он қарор доданд, ки ташкилоти нави байналхалқиро ҳамаҷониба инкишоф диҳанд.

**Анвар БОБОЕВ,**
**мухбири махсуси ӮзА.**
**Тошканд — Санкт-Петербург — Тошканд.**

# Миннатдории ҷопониён

Ба мамлакати мо 24-30 маи соли кунун миссияи дӯстӣ, ки иборат аз намояндагони аҳли ҷамъияти Ҷопон ва пайвандони шаҳрвандони ҷопоние, ки дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон ба мамлакати мо ба сифати асири ҳарбӣ оварда шудаанду дар ҳамин ҷо осоиши абадиро пайдо кардаанд, ташриф овард.

Ҳангоми ташриф намояндагони ҳайати вакилон дар маросими кушоиши ёдгориҳое, ки ба шарафи ҳамватанони онҳо кушодаанду дар сарзамини мо вафот карда, ба хок супурда шудаанд, иштирок намуданд.

Ҳангоми азназаргузаронии ёдгориҳое, ки дар Тошканд, Бекобод, Ангрен, Янгийӯл, Бухоро, ҳамчунин як қатор шаҳру деҳаҳои вилоятҳои Андиҷону Фарғона кушода шудаанд, меҳмонон ҳиссу ҳаяҷони худро ҳангоми аз назар гузарондани корҳои неке пинҳон карда натавонистанд, ки ба хотираи ҳамватанони онҳо, хешу ақрабояшон ба иҷро расонда шуданд, ки дар самрзамини Ӯзбекистон осоиши абадиро пайдо кардаанд.

Дар рафти сафар намояндагони ҳайати вакилони Ҷопон ҷойҳои ба диққат сазовори мамлакати моро ҳам тамошо карданд. Ба меҳмонон муассисаҳои фарҳангӣ, ёдгориҳои таърихии Самарқанд, Бухоро, Хева, Тошканд таассуроти амиқе боқӣ гузошт.

Барои зоҳир кардани ҳурмату эҳтироми бузург, меҳмоннавозӣ, аз ҳама асосиаш, аз ба иҷро расондани корҳо дар Ӯзбекистон оид ба эъзози хотираи ниёкон қаноатмандии бузурги худро баён карда, намояндагони аҳли ҷамъияти Ҷопон ба унвони Президенти давлатамон Ислом Каримов мактуби миннатдориро ирсол карданд.

## Ба Аълоҳазрат, ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Мӯҳтарам ҷаноби Президент!

Иҷозат фармоед, аз номи намояндагони аҳли ҷамъияти Ҷопон, ки ба Ҷумҳурияти Ӯзбекистон бо миссияи дӯстӣ барои иштирок ба маросими кушоиши ёдгориҳо ва лавҳаҳои ёдгорӣ дар маҳали дафни асирони ҳарбии ҷопонӣ дар ҳудуди ҷумҳурияти Шумо омада буданд, ба Шумо миннатдории амиқро барои корҳои нек ва ҳурмату эҳтироме, ки Шумо ва халқатон нисбати хотираи бобоён, падарон, бародарон ва дӯстони мо, ки дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон ба мамлакати шумо ба сифати асирони ҳарбӣ оварда шудаанду дар ҳамин ҷо дафн гардидаанд, зоҳир кардаанд, баён созем.

Мо ҳамчунин аз тамоми халқи Ӯзбекистон , аз он ҷумла ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳрҳо, ташкилотҳои сайёҳӣ ва тамоми ташкилотҳои Ӯзбекистон, ки ба сафари мо ба Ӯзбекистон даххлдоранд, барои пазироии гарму ҷӯшоне, ки ҳангоми дар Ӯзбекистон буданамон зоҳир намуданд, миннатдории амиқи худро баён мекунем.

Ба Шумо ва дар симои Шумо ба тамоми халқи ӯзбек сиҳҳату саломатӣ, бахту саодат ва фаровониро таманно дорем.

Бо камоли эҳтиром, аз номи миссияи дӯстӣ ва намояндагони аҳли ҷамъияти Ҷопон:

**Тахакаши НАБОРТ, Икеда АКИЁШИ, Панакаши ТСУТОМУ, Азума МИТСУАКИ, Азума ЙОШИКО, Кудо АХИРА, Токудоме ТАДАНОРЕ, Киношита ТАМОТСУ, Кобаиши МАСАО, Акихиро ЙОШИХИРО.**

# Дар Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Дар партави минбаъда амиқгардонии низоми таълими бардавом ва таъмини ҳаллу фасли вазифаҳои марҳилаи дуюми амалӣ гардондани Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо Девони Вазирон қарорро «Дар бораи қабул ба муассисаҳои таълими олии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба соли таҳсили 2002/2003» қабул намуд.

Дар пойгоҳи тадқиқотҳои маркетингӣ, бо назардошти афзоиши талаботи соҳаҳои мухталиф ва самтҳои иқтисодиёт ба мутахассисони баландмалака миқдори муассисаҳои таълими олие зиёд карда шуданд, ки қабул ва тайёркунии мутахассисонро ба магистратура амалӣ мегардонад. Ҳамчунин миқдори шӯъбаҳои махсуси таҳсили ғоибона оид ба тайёркунии кадрҳои омӯзгорӣ зиёд карда шуданд.

Умуман нисбати соли гузашта нишондиҳандаҳои миқдории қабул зиёд карда шудаанд: ба бакалавриат 51100, аз он ҷумла аз рӯи гранти давлатӣ 19900; ба магистратура— 4500, аз он ҷумла аз рӯи гранти давлатӣ 1400. Қабули донишҷӯён ба шӯъбаҳои махсуси ғоибхонӣ дар 19 донишкадаи мамлакат амалӣ гардонда мешавад ва миқдори қабулшавандагон 3000, аз он ҷумла аз рӯи гранти давлатӣ 1200 муқаррар гардидааст.

Ба тайёркунии мутахассисон аз рӯи самтҳои нави маълумотгирӣ ва мутахассисон дар соҳаи тиб, технологияҳои иттилоотӣ, таълими мусиқӣ ва ғайра диққату эътибори махсус нигаронда шудааст.

Ба мақсади босамар истифода бурдани нерӯи интеллектуалии мутахассисони ҷавоне, ки аз ҳисоби грантҳои маълумоти олӣ гирифтаниаанд, дар соли таҳсили 2002/2003 дар амалия дар пойгоҳи ихтиёрӣ ба имзо расондани шартнома байни донишҷӯён, муассисаи таълими олӣ ва кордиҳандаи нирӯдор оиди расондани мадад ба мутахассиси ҷавон дар бобати бо шуғл фаро гирифтан мувофиқи маълумоти гирифтааш ба имзо расонда мешавад.

Қарори мазкури ҳукуматӣ ба минбаъда баланд бардоштани сифати таълим низ таҳсили бардавоми мамлакат мусоидат мекунад.

# Муроҷиатномаи

## иштирокдорони анҷумани байналхалқии илмиву назариявии «Ислом ва давлати дунёвӣ- маърифӣ» ба халқи Ӯзбекистон

Мо, иштирокдорони анҷуман, ба халқи Ӯзбекистон ва президенти он Ислом Каримов барои диққату эътибор ва меҳмоннавозӣ миннатдории самимонаи худро баён мекунем.

Мо, иштирокдорони анҷумани байналхалқии «Ислом ва давлати дунёвӣ-маърифӣ» — намояндагони мамлакатҳои Аврупо, Осиё, Африқо зарур ва муҳим будани муайян кардани нақши динро дар ҷамъияти кунунӣ хуб дарк карда, маърӯзаҳои олимони номдор — шарқшиносон-диншиносон, ҳамчунин олимони илоҳиётшиносро шунида, ба чунин хулоса омадем:

— дин имрӯз ба яке аз омилҳои муҳими ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ мубаддал гардидааст;

— аҳамияти ахлоқиву маърифии динро эътироф намуда, ба сиёсигардонии он роҳ гузоштан мумкин нест;

— дар шароити ҷамъияти кунунии сермиллат ва бисёрдинӣ фақат давлати ҳуқуқбунёди демократӣ метавонад кафолати ҳуқуқ ва озодии баробарро ба тамоми аъзои ҷамъият, новобаста аз миллату эътиқоди онҳо диҳад.

Анҷумани мо дар Самарқанди куҳан, дар сарзамини муборакi Ӯзбекистон шуда гузашт, дар тӯли ҳазорсолаҳо марказй ба ҳам таъсирбахш ва ҳамҷиҳатона арзи амал кардани динҳо, фарҳанг ва сохторҳои гуногун гардидааст. Аз қадим боз дар Ӯзбекистон на танҳо бо ҳамҷиҳатии зич, балки якдигарро ғанӣ гардонда, фарҳангҳои мухталиф-мусалмонӣ, насронӣ, яҳудӣ, буддавӣ ва аз он ҳам қадимтар фарҳангҳо арзи ҳастӣ намудаанд. Ва дар садаи XX1 дар Ӯзбекистон муросову таҳаммули дину эътиқодҳои мухталиф намоён гардидааст.

Ӯзбекистон соҳиби таърихи бой ва таҷрибаи ғанӣ дар соҳаи муносибатҳои мутақобила байни давлат ва дин мебошад. Мо ба он эътимод дорем, ки таҷрибаи созгории арзишҳои умумиинсонӣ ва миллӣ, ки иштирокдорони анҷуман ошно гардиданд, метавонад ҳамчун намуна барои мамлакатҳои дунёи мусалмонӣ хизмат намояд.

**Самарқанд,**
**Маҷмӯи ёдгории Имом ал - Бухорӣ.**
**6 июни соли 2002.**

# Ҳикмати сӯфиён

Осори асили маънавӣ, қатъи назар аз он, ки дар кадом ҳудуд ва ба чӣ забоне офарида шудаанд, дорои аҳамияти умумибашарианд. Алҳол дар Шарқу Ғарб асарҳои ба тасаввуфи Ислом мутааллиқ буда бо рағбати зиёд тадқиқ мешаванд ва пасу пеш рӯи чопро мебинанд. Соли 2001 нашриёти «Азбука» ва «Петербургская востоковедения»- и шаҳри Санкт-Петербурги Русия китоби нафисмуқоваеро таҳти унвони «Мудрость суфиев» («Ҳикмати сӯфиён») бо теъдоди 7000 нусха ба дасти нашр супурданд. Он тарҷумаи русии се китоб («Мақомоти Амир Кулол»-и Шаҳобиддин набераи духтарии Амир Ҳамза,«Рисолаи қудсия»-и Муҳаммад Порсо ва «Танбеҳ-ус-салотин»-и Махдуми Аъзам)-ро дар бар гирифтааст, ки рӯзгоре ба забони форсӣ таълиф ёфта буданд. Муаллифи ҳар се асар дар асрҳои миёна дар Мовароуннаҳр умр ба сар бурдаанд ва эҷод кардаанд. Арзёбии осори аҷдод ва бо пешгуфторҳои олимони бузург дар хориҷ аз Ватан ба дасти чоп расиданашон дар дилҳо ҳисси ифтихор меангезанд. Суханони Захириддин Муҳаммад Бобур ба ёд мерасанд, ки навишта буд. «Аз замони ҳазрати рисолатпаноҳ дар Мовароуннаҳр он миқдор аиммаи (имомҳо) ислом пайдо шудаанд, ки дар дигар вилоёт нест ва ба вуҷуд нахоҳад омад.» Имрӯз дастхатҳои бешуморе, ки аз китобхонаи мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон ба даст меоянд, гувоҳӣ медиҳанд, ки аксари муаллифонашон аз ин марзу буманд. Маҷмӯаи «Ҳикмати сӯфиён»-ро шогирдон ва ҳамкасбони шарқшиноси барҷастаи рус Олег Федорович Акимушкин ба ёдбуди ӯ бахшидаанд. О.Ф. Акимушкин доир ба таърихи фарҳанги Туркистони Шарқӣ тадқиқоти зиёде дорад. Ӯ матни интиқодии «Таърих» - и Шоҳ Маҳмуд Чуросро (асри XVII), ки ба форсӣ таълиф шудааст ва манбаи нодир маҳсуб меёбад, ба русӣ баргардонда, эзоҳ додааст. Ин амали ӯ дар илми шарқшиносии ҷаҳон чун саҳми арзанда пазируфта шуд.

Маҷмӯа бо муқаддимаи олими исломшинос А. Ҳикматуллин «Тасаввуфи ислом ва тариқати хоҷагони Нақшбандия» оғоз меёбад. Муаллифи сарсухан таъкид менамояд, ки тарҷума ба муосирони мо имкон медиҳад,ки онҳо аз нусхаи асл бо таълимоти тасаввуф ошно гарданд. «Мақомоти Амир Кулол»-и Шаҳобиддин - набераи духтарии Амир Ҳамзаро О. Ястребова тарҷума кардааст. Пайдост, ки дар асрҳои миёнаи Шарқ жанри «Мақомот» рушд дошт. Дар мақомот шарҳу баёни ҷаҳонбинӣ, роҳи тайкардаи шайхони мутасаввиф омадааст. Дар байни онҳо ҳарчанд ахбори афсонавӣ ва ривоёт зиёданд, вале аз таърихи маданияту маънавияти давр дарак медиҳанд.

Амир Кулол дар асри XIV умр ба сар бурдааст, яке аз устодони Баҳоуддин Нақшбанд (1318-1389) буд. Муаллифи мақомот — Шаҳобиддин набераи Амир Кулол аст, ки аз духтари писари ӯ - Амир Ҳамза ба дунё омада буд. Ӯ дар китоби хеш доир ба бобояш ривоятҳои зиёдеро ҷамъоварӣ кард. Аз мутолиаи мақомот бармеояд, ки ба ташаккули таълимоти «ҳар кас бояд аз паси меҳнати худ рӯз гузаронад» - и Баҳоуддин Нақшбанд афкори Амир Кулол низ асар карда будааст. Амир Кулол ба ёрони хеш чунин муроҷиат кардааст: «Ҳар кас бояд аз паси касбу ҳунари хеш рӯз бинад ва бо луқмаи ҳалол чархи зиндагӣ гардонад». Аз суханони Амир Кулол ва муаллиф кас хулоса мекунад, ки илму маърифат зинаҳоеанд, ки инсонро ба қуллаи камолот мерасонанд.

Баъди ин суханони Шайх: «Илму маърифатро аллоҳ ба бандагонаш барои ба мақсадҳои нек расидан инъом намуд», абёти зер ба хонанда ҳавола мегардад:

*Ҳар киро илму ақл пероя аст,*
*Ҳар киро ин ду нест бемоя аст.*

***

*Илм бояд то амал ганҷе бувад,*
*З-он, ки бедониш амал ранҷе бувад.*

Дар мақомот ҳамчунин доир ба рӯзгору фаъолияти ёрон ва авлоди Амир Кулол маълумот ба назар мерасад. Соли 1993 Садриддин Салими Бухорой ва Исроил Субҳонӣ чанд пораи ин асарро аз форсӣ ба ӯзбекӣ баргардонда буданд. Вале тарҷумаи О.М. Ястребова тарҷумаи мукаммал аст. Олими рус дар асоси чопи сангини соли 1910 (Бухоро) кор бурдааст.

«Рисолаи қудсия»-и Хоҷа Муҳаммади Порсо (1345-1420) асари дуюмест, ки аз маҷмӯа ҷой гирифтааст. Онро аз форсӣ Ю. А. Ионесян ба русӣ баргардондааст. Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Маҳмуд ал - Ҳофиз - ал - Бухорӣ (Хоҷа Муҳаммади Порсо) яке аз халифаҳои дӯстдоштаи ҳазрати Баҳоуддин Нақшбанд буд. Ҳарчанд Баҳоуддин Нақшбанд қабл аз фавт гуфтааст: «Баъд аз ин ҳар кӣ дар орзуи ман аст, назар ба Муҳаммади Порсо кунад». Вале Муҳаммади Порсо ба сифати раҳнамои тариқат шахси аз худ бузургсол Хоҷа Алоуддин Атторро қабул кардааст.

«Рисолаи қудсия» баъди чанд соли вафоти Баҳоуддин Нақшбанд солҳои 1393-94 бо хоҳиши Алоуддин Аттор навишта шудааст. Дар асар шарҳи суханони Баҳоуддин Нақшбанд доир ба сулуки тариқат омадааст, ки ҳини маҷлису анҷуманҳо бо устод шогирд ёддошт карда буд. Аз ин рӯ, «Рисолаи қудсия» манбаи эътимодбахшест оид ба таълимоти Баҳоуддин Нақшбанд. Суханони пири тариқат ба шогирдонаш ҳарчанд мухтасару фаҳмо буданд, вале барои толибоне, ки ба роҳи тариқат қадамҳои нахустин мениҳоданд, гаронӣ мекарданд. Муҳаммади Порсо хост ин гаронро ба роҳравони роҳи тариқат сабук созад ва ба шарҳ пардохт. Ба ин маънӣ Хоҷа Порсо менигорад: «Ин каламоти`мухтасар маънои васеъро дар бар доранд. Мисле, ки ҷузъ далели кулл, қатра далели дарёст. Чопи сангини асри XX Бухоро асоси тарҷумаро ташкил додааст. «Рисолаи қудсия» соли 1975 дар Эрон низ нашр шудааст.

Онро шарқшиноси ӯзбек Маҳмуд Ҳасанӣ низ ба ӯзбекӣ баргардонда буд, ки дар нашриёти адабиёт ва санъати ба номи Ғафур Ғулом мунтазири чоп аст.

«Танбеҳ - ус - салотин» - и шайх Хоҷаи Аҳмад ал - Косонӣ ад - Даҳбедӣ (1461-1542), ки бо номи Махдуми Аъзам машҳур аст, китоби сеюми маҷмӯа маҳсуб меёбад.

Онро олими ӯзбек Бахтиёр Бобоҷонов аз рӯи дастхати соли 1589 ба русӣ баргардондааст. Ходими калони пажӯҳишгоҳи шарқшиносӣ Б. Бобоҷонов чанд сол аст, ки бо масоили иштироки шайхони тариқати нақшбандия дар ҳаёти сиёсиву иҷтимой машғул аст. Чанд мақолаи олим доир ба ин мавзӯъ дар Ӯзбекистон, Фаронса, Русия, Олмон ва Ҷопон ба дасти нашр расидаанд.

Аз ҷониби Махдум Аъзами Даҳбедӣ оиди тасаввуф беш аз сӣ рисола таълиф шудааст. Дар рисолаи «Танбеҳ-ул-салотин» муаллиф ба фаъолияти сиёсии тариқати Нақшбандия, муносибати сӯфиёну ҳокимон ва сохтори давлати исломӣ назари таҳқиқ афкандааст.

Баъди истиқлол ва назари тоза ба мероси ниёгон олими шинохтаи самаркандӣ Ботурхон Валихоҷаев рисолаи мазкурро ба нашри тоҷикӣ омода сохт, ки якҷоя бо тарҷумаи ӯзбекии Комилхон Каттаев соли 1994 интишор гардид. Рисола ба ҳукмдори сулолаи шайбониён Убайдуллохон (1533-1539) бахшида шудааст. Муаллиф таъкид намуда, ки дар аз рӯи шариат идоракунии давлат мавқеи тариқати Нақшбандия бузург аст. Гӯшзад мегардад, ки бояд шайхон ба ҳокимон дар идораи давлат кӯмак расонанд ва онҳо дар ҳукуматҳо бояд мақоме дошта бошанд.

Дар поёни тарҷумаи русии китоби «Ҳикмати сӯфиён» шарҳи каламоте оварда шудаанд, ки даркашон ба хонандагони рус ё русзабон гаронӣ мекунад. Қатъи назар аз баъзе нуқсонҳои ҷузъӣ китоб дар омӯзиши таърихи тасаввуф, таълимоти хоҷагони Нақшбандия ва фаъолияти шайхон аҳамияти бузург дорад. Ба ҷуз ин, аз ҳамкориҳои пурсамари олимони шарқшиноси Ӯзбекистону Русия дарак медиҳад. Умед аст, ки домани чунин тадқиқот ва ҳамкориҳо густардатар мегардад.

**Ғулом КАРИМ,**
**ходими илмии Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии ба номи Абурайҳон Берунӣ.**

# Зодрӯзи шоир

Аҳли ҷамъияти Тошканд 203-умин солгарди зодрӯзи Александр Сергеевич Пушкинро қайд намуд.

Дар маросими гулгузорӣ ба пояи ҳайкали шоири бузурги рус дар майдони ҳамноми пойтахти Ӯзбекистон Сафири Фавқулодда ва Мухтори Россия дар Ӯзбекистон Дмитрий Рюриков, Шоири мардумии Ӯзбекистон Абдулло Орипов, намояндаи Маркази байналхалқии ҳамкории йлмӣ ва фарҳангии назди Ҳукумати ФР дар Ӯзбекистон Владимир Полозков, академики Фарҳангистони улуми педагогӣ ва иҷтимоии Россия Давлатбек Саъдуллоев, сарварон ва намояндагони Маркази миллии русҳо ва дигар марказҳои фарҳангии миллӣ, иттиҳодияҳои эҷодӣ ва омӯзгорони донишкадаҳо, намояндагони воситаҳои ахбори оммавии мамлакатамон, донишҷӯён ва мактабхонон иштирок намуданд.

Нотиқон зикр намуданд, ки мероси бои эҷодии А.С.Пушкин ҳамеша таъсири пурсамарро ба рушди анъаноти адабӣ расонда, муҳити мусоидро барои афзоиши кадрҳои миллии адабиётшиносон ба вуҷуд оварда, сарвати ноёби тамоми инсоният гардидааст. Мисоли равшан дар он мебошад, ки бисёр асарҳои шоир борҳо ба забонҳои халқҳои мухталифи ҷаҳон, аз он ҷумла ба забони ӯзбекӣ тарҷума гардидаанд,. Мунтазам гузарондани тадбирҳо бахшида ба Пушкин боз як далел ба ҳамин мебошад, ки дар Ӯзбекистон ба вай бо қадршиносии зарурӣ муносибат мекунанд. Шеърҳои рӯҳбахши шоир ва ашъори лирикии он ҳамчунин шеърҳо бахшида ба шоири бузурги классикии рус дар пояи ҳайкали ӯ баъди ба анҷом расидани маросими мутантан дуру дароз садо доданд.

**Сергей ҚУРБОНОВ.**

# Роҳи ҳавой — роҳи беҳтарин

***Дар меҳмонхонаи «Интерконтинентал» конфронси байналмилалии «Авиатсия дар барномаи амалиёти сулҳовар ва зидди террористӣ, бартараф намудани оқибатҳои фоҷиаҳо» барпо шуд, ки асоси онро мақоми кӯмаки ҳавопаймоӣ дар ин маърака барои Афғонистон дарбар гирифт.***

Бо ба поён расидани амалиёти зиддитеррористӣ дар хоки Афғонистон масъалаҳои иҷтимой ба модди аввал мебарояд. Аз ин боис манзараи воқеии фоҷиаи инсонии Афғонистон торафт ошкор мегардад ва баъди беш аз бист соли ҷанги дохилӣ то чӣ андоза мудҳиш гардидани вазъи иҷтимоии ҷамъияти кишвар барои ҳама равшан мегардад.

Аз барпо намудани ин анҷуман, ки онро корхонаи муштараки Ӯзбекистон—ИМА «Авиализинг» созмон дод, мақсад он буд, ки то ҳоло ҳозир компанияҳои марбут ба ҳавопаймоии боркаш чӣ корҳоро анҷом доданд ва чӣ гуна ва дар кадом роҳу ҳаҷм минбаъд ин корҳоро анҷом додан мумкин мегардад, баррасӣ гардад.

Агар ба инобат бигирем, ки дар натиҷаи ҷангҳои тӯлонӣ тамоми сохтори коммуникатсияи Афғонистон хароб гаштааст, ягона роҳи боркашонӣ роҳи ҳавой боқӣ мемонад. Ва аҳамияти онро дарк намуда, авиаторон корҳои худро дар ин самт ҳамоҳанг ва танзим карда, боркаширо босамартар кардан мехоҳанд. Имрӯз ширкатҳои ҳавопаймоии хориҷӣ ва ӯзбекистонӣ ба самтҳои Мазори Шариф, Багром, Кобул, Қундуз, Ҳирот ва Қандаҳор бо истифода аз дахлезҳои хурди хати ҳавой бор мебаранд, ки аксари онро кӯмакҳои башардӯстонаи кишварҳои хориҷ ташкил менамоянд.







Дар конфронс масъалаҳои то чӣ андоза ба ҳавопаймоҳои боркаш эҳтиёҷ доштани кишварҳои эътилофи зиддитеррористӣ, хусусиёти расмияти гумруки борҳои кӯмаки башардӯстона, ҳамкории мамлакатҳо ва иттиҳодияҳои байналмилалӣ бо Афғонистон барои эҳёи иқтисодиёти он муҳокима гардид.

Дар анҷумани мазкур беш аз 120 мутахассис аз Ӯзбекистон ва дигар мамлакатҳо ширкат намуд, ки баъзе аз онҳо аз таҷрибаи худ муфассал нақл намуданд.

**Тоҷибой ИКРОМОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**

# Шевченко — дар маркази шаҳр

***Дар моҳи августи соли ҷорӣ аз рӯзи ба роҳ гузоштани муносибати дипломатии ду ҷумҳурии собиқи шӯравӣ даҳ сол пур мегардад. Ба ин муносибат чӣ тадбирҳое дар назар дошта шудааст? Дар ин хусус сафири Украина дар Ӯзбекистон Анатолий Касяненко ба журналистон нақл намуд.***

Аз суханони сафир бармеояд, ки муҳимтарин нуктаи ин тадбирҳо ифтитоҳи муҷассамаи Тарас Шевченко дар назди мактаб-литсеи рақами 110 пойтахт хоҳад гардид, ки пояи онро президентон Каримов ва Кучма гузошта буданд. Аслан қарор гардида буд, ки ин ҳайкали бунёдгузори адабиёти Украина бояд дар доираи даҳсолагии истиқлолияти ҳарду кишвар кушода мешуд ва воқеият ҳамин хел сурат гирифт, ки ин муҷассама, ки аз 2 тонна хӯла (биринҷ) рехта шудааст, ба дигар муносибат дар назди мактаби Шевченко қад хоҳад афрохт.

Анатолий Касяненко инчунин зикр намуд, ки Украина ба паймонаи низомии НАТА руҷӯъ мекунад, ки ба он дохил шуданн худро Киев чанде пеш эълон карда буд.

Умуман дар мавриди ҷашни даҳсолагии муносибати дипломатии Украина бо Ӯзбекистон васеъ ҷашн хоҳад шуд, ки тибқи суханони сафир он дар охири моҳи август ба амал меояд, ки бо рӯзи истиқлолияти Украина (24 август) рост меояд. Дар ин бобат ҳанӯз барномарезӣ идома дорад ва баъзе аз онҳо дақиқ ҳам гаштааст. Дар ин давр бо ҳар роҳ дастовардҳои Украина дар ёздаҳ соли охир барои ҳамагон эълон карда мешавад. Конфронсҳои илмию амалӣ аз рӯи масъалаҳои шарикии стратегӣ созмон дода мешаванд.

Сафир бо таассуф таъкид намуд, ки чор моҳи аввали соли ҷорӣ аз гардиши мол байни ду ҷумҳурӣ чандон тасаллиомез нест, зеро ҳаҷми он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам аст.

**Т. ХОВАРӢ.**

# Хабарҳо аз Тоҷикистон

## Натиҷаҳои мулоқоти тоҷикистониву покистонӣ

Ба Душанбе бо сафари расмӣ Президенти Покистон Парвез Мушарраф ташриф овард. Вай аз тарафи Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов пазируфта шуд. Дар рафти мулоқот масъалаҳои муносибатҳои дуҷониба, муаммои Афғонистон ва вазъи умумии минтақаи Осиёи Ҷанубӣ муҳокима гардиданд. Э. Раҳмонов ва П.Мушарраф ҳамчунин масъалаҳои ҳамкории дуҷонибаи иқтисодиро мавриди муҳокима қарор дода, ба соҳаи энергетика диққату эътибори калонро нигарониданд.

Дар рафти вохӯрӣ сарвари Тоҷикистон тайёр будани мамлакати худро оиди мадад расондан ба ҷараёнҳои гуфтушунидҳои байни Покистон ва Ҳиндустон баён сохт. Ҳангоми муҳокимаи вазъияти Афғонистон Э. Раҳмонов оиди иҷрои Созишномаи Бонн ва ҳамчун яке аз кафолатгари қарор ёфтани сулҳу салоҳ созмон додани ҳукумати навро бо иштироки тамоми гурӯҳҳои қавмӣ фикру мулоҳизаҳои хешро баён намуд. Аз рӯи натиҷаҳои мулоқоти тоҷикистониву покистонӣ Меморандуми муштарак ба имзо расид.

## Мустаҳкамкунии гумруки вилоятӣ

Раванди азнавсозмондиҳии умури гумруки вилояти Суғд, ки бо созмон додани Вазорат оид ба даромадҳои давлатӣ ва маблағҳои дигар алоқаманд мебошад, пурра анҷоми худро ёфт. Чуноне ки сардори раёсати гумруки Вазорат оид ба даромадҳо ва маблағҳои вилоят Ҳокимшо Тиллоев хабар дод, дар доираи ин навташкилдиҳӣ ба як вазорат умурҳои гумрук ва андоз муттаҳид гардиданд.

## Шарикӣ ба хотири хушбахтии бачагон

Қуттиҳои дорои хӯрокро ба бачагони сағири Конибодом аз ташкилоти байналхалқии инсонпарваронаи Каунтерпарт Интернешнл гирифтанд. Маҳсулоти дар қуттиҳо буда хӯроки бачагонаи сермоя буда, барои 4 шабонарӯз таъин гардидааст. Ба ҷуз ин бачагон тӯбҳои футбол низ гирифтанд, ки аз ҳисоби маблағи тадбиргарони маҳаллӣ харид гардидаанд. Маросими супурдани тантанавии он ҳангоми танаффуси нисфирӯзӣ ба амал омад,ки онро ба муносибати Рӯзи байналхалқии ҳифзи бачаҳо ташкилоти байналхалқии инсонпарваронаи АКТЕД ва Ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушоди «Ҷаҳонгир» ташкил карда буд. Чуноне ки мутобиқгари барномаи АКТЕД оид ба водии Фарғона Сесил Арно хабар дод, аллакай се сол боз ташкилоти мазкур вазифаи инсонпарвариро аз рӯи барномаи хӯроки мактабҳо ва кишоварзӣ дар вилояти Суғд иҷро мекунад. Ба ин иқдоми инсонпарварона Каунтерпарт Интернешнл ҳамроҳ шуд, ки ба қарибӣ 2 контейнерро ба кӯмаки инсонпарварона аз ИМА гирифтааст.

**«Туркистон - пресс» — «Вароруд».**

# Ба пешвози ёздаҳсолагии истиқлолият

*Болта ОРТИҚЗОДА*

# САРФАГАРИ САРИ ОТАШДОН

*Қисса*

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

— Дуруст, дидам, ҳаштсӯмӣ фурӯхтед, — иқрор шуд Офтоб-хола. — Лекин ман кӯтаҳахар. Яклухт мехарам. Шумо деҳқон бошед, инро фарқ карданатон даркор.

— Чӣ қадар мегиред, холаҷон?

— Ду тӯрба.

— Майлаш, гиред, — розӣ шуд фурӯшанда. — Худо ба камаш барака диҳад. Фақат оши палав карда хӯред.

Ҳамин тариқа, Офтобхолаву писараш ду тӯрба сабзиву ду тӯрба картошка, як тӯрба пиёз хариданд. Онҳоро оварда дар саҳни ҳавлӣ, дар поёни суфа рехтанд. Гӯё пешакӣ хабар бошанд, додаронаш омаданд. Яке ба модар камтар равғани думбаву дигараш як либосворӣ мато оварда буданд. Модар аз пешонаи онҳо як-як бӯсида, дуяшро ҳам дуо кард.

Баъди ҳамин дар атрофи чоши сабзиву картошка нишаста, бекирм, суфтаи онҳоро ҷудо карданд. Аз ҳар кадомаш як сатилӣ кирмхӯрдагӣ, каландзадагиаш баромад. Онҳоро ба қуттиҳо андохта, ба таҳтӯла даровարданд. Модар фармуд, ки дар паси хона, дар ҷои соярав ду ӯра канда, картошкаву сабзиро ба он бурда гӯронданд. То баҳор нағз меистод.

Ин корҳоро дида, Салоҳиддин аз шодӣ ба ваҷд омад. Ҳаяҷонашро руст карда наметавонист.

— Бийиҷон, — гуфт ӯ, — иқрор шуданам даркор, ки шумо дар бобати сарфаву сариштакорӣ бебаҳоед. Ба қавле иқтисодчии зӯр, аммо як парча коғаз — диплом надоред. Олими бедиплом.

— Худат гапро кушодӣ, писарам, — гуфт Офтоб-хола, — маҷбур ҳастам, ки фикрамро гӯям. Рӯзгорро «ғори бетаг» мегӯянд. Онро ҳеҷ гоҳ пур карда намешавад. Аммо худованди карим ба ҳама ақлу ҳуш, чашму гӯш додааст. Ана ҳамонҳоро ба кор андохта, одам пеш аз ҳама ҳисобу китоб, сарфаву сариштакориро омӯхтанаш лозим. Агар ҳамин тавр накунад, вай хоҳу нохоҳ роҳгум мезанад. Дар зиндагӣ, аз рӯзғораш хайру барака мепарад.

Зотан, аз ҳад зиёд калон-калони сабзӣ ҳам, картошка ҳам, чашмдор, доругӣ, дағар-буғур мешавад. Дар вақти пӯсташро кандан, аз нисф камтараш ба пӯст мебарояд. Илова ба ҳамин, бисёр сахт, реза карданаш душвор мешавад.

Ҳама нағз медонад, ки сабзиро ҳам, картошкаро ҳам бутун, бо пӯсташ хӯрда намешавад. Пеш аз ҳама пӯсташро канда, бо корди тез реза карда, баъд ба ош меандозанд. Ин ҳоло як тарафи масъала. Сабзии харидаамонро «мирзоғӣ» меноманд. Лӯндатару сероб, ширин, дар ош тез мепазад. Ба аъзои кас даррав ҳал мешавад. Боз нисфӣ арзон буд, ки ин ба рӯзгордор хеле фоида мебиёрад.

Баъди ҳамин гапҳо додаронаш аз пушти хона ду ӯра кофтанд. Салоҳиддину завҷааш картошкаву сабзиҳоро дар тӯрбаҳо андохта, бурда ба ӯраҳо рехтанд. Офтоб-хола ба корҳои писаронаш нигоҳ карда меистод. Аз шодӣ курта-курта гӯшт мегирифт.

## ЧАРО КӮР НАМЕШАВАНД?

Дар поёнтари деҳа, дар ҳавлии на он қадар калон Ҳасанҷон гуфтанӣ одами хушфеъл, ширинсухан мезист. Дар миёнҷои шаҳр дӯкони хусусӣ дошт. Бо матоҳои гуногун савдо мекард. Бо одамон, харидорон муомилааш нағз буд.

Вай соати панҷи бегоҳӣ дари дӯконашро баст. Омада мотори мошинашро метафсонд, ки як ҷӯраи ҷонӣ, ҳамсоядӯконаш ба вай наздик шуд.

— Ҳасанҷон, — хоҳиш намуд ӯ. — Ду соат вақтатонро дареғ намедоред. Як хешамон денрождения карда истодааст. Ҳамроҳ меравему...

Ҳасанҷон бо вай рафтанӣ буд. Аммо ибораи денроджденияро шуниду дар дилаш алав афтид. Аз қавлаш гашт. Охир, завҷааш ҳам ба денрожденияи апааш рафтанӣ буд. Зотан вай писаронаш Рустаму Шодиро ҳамроҳаш намебурд. Ҳамеша дар ҳавлиаш монда мерафт, хавотир ҳам намешуд.

— Дилам зору кашол, — ваҷҳ овард Ҳасанҷон. — Аммо кори зарур дорам. Бинобар ҳамин, ман раҳакӣ шуморо ба ҷои мерафтагиатон партофта мегузарам. Насиб бошад, дафъаи дигар.

Ҷӯрааш розӣ шуда, ба мошин даромад. Ӯро дар таги дари хешаш фуроварду Ҳасанҷон ба хонааш омад. Рустаму Шодӣ дар таги дари кӯча маъюс менишастанд. Баробар хеста ба назди мошин омаданд. Падарашон фуромад.

— Модаратон ҳанӯз наомадааст? — фавран пурсид вай. — Кай рафта буд?

— Соати дуи рӯз, — гӯён ҷавоб дод Рустам. — Шумо наравед, дадаҷон. Бийем боз маст шуда меояиду моро дошта мезананд. Метарсем, наравед.

Ҳасанҷон ба соаташ нигоҳ кард. Соат шаш шуда буд. «Наход ки денрождения чор соат давом кунад? — аз дил гузаронд вай. — Хабар гирифтан даркор. Дафъаи гузаштаина барин...».

Бачаҳо гирди ӯро печонда буданд. Аз бари кастумаш маҳкам дошта, якзайл гиря мекарданд. «Дадаҷон, наравед, мо метарсем, наравед. Модарам маст шуда меояиду боз моро мезананд. Аз ҳавли баровардa пеш мекунанд» мегуфтанд онҳо.

— Натарсетон, бачаҳо, — дилдорӣ медод Ҳасанҷон. — Модаратона худам мебиёрам. Намезанад.

Ҳасанҷон ғуррросзанон мошинро пеш ронд. Боҷааш дар маҳаллаи ҳамсоя мезист. Ҷавони басо хушгуфтор, дурандеш буд. Се фарзанд дошт. Ҳамеша ба рӯи кас хандида меистод. Ҳеҷ гоҳ аз зиндагӣ, аз рӯзгораш ҳасрат намекард.

Пас аз ним соат Ҳасанҷон ба хонаи боҷааш расида омад. Дари кӯча роғ буд. Дарун даромад. Гӯё соҳибонаш ба куҷое кӯчида рафта бошанд, дар саҳни ҳавлӣ касе наменамуд. Аз тарафи чап — аз даруни ошхона шақар-шуқури косаву табақ ба гӯшаш расид.

Ҳасанҷон беихтиёр ба ҳамон тараф тоб хӯрд. Дар дохили ошхона ду мизи сербари дарозро паҳлӯи ҳам гузошта буданд. Болояш пури косаву табақ. Аз бисёрии онҳо чашмони кас сиёҳӣ мезаданд. Аҷабо, ҳамаи косаву табақҳо дар дохилашон таомҳои саркут доштанд. Барракабоб, моҳии пухтагӣ, гӯшти мурғ, тушбера, манту, оши палав, боз кимчиҳои дигар.

Модари боҷааш, ки пиразани тақрибан ҳафтодсола буд, дар паҳлӯи тағораи пуроб нишаста, сӯхтаву пухта, косаву табақҳоро мешуст, онҳоро аз як сар пок мекард.

— Ассалому алейкум, холаҷон, — ба сӯяш хаёле таъзим намуд Ҳасанҷон. — Монда набошед. Ба хаёлам, ҳамаи ташвишу таҳлукаи денрождения ба гардани шумо мондаастдия. О ин, худаш чӣ гап?

— Асло напурсед, Ҳасанҷон — якбора ба ҳасрат гузашт кампир. — Намедонам, ки ин денрожденияи зормонда аз куҷо пайдо шуд? Падару бобоҳоямон бе денрождения ҳам умри дароз дида буданд. Бо меҳнати ҳалол хӯрдаву пӯшида мегаштанд. Ин масриф, ин нобудгариро бинед, писарам, — вай ба сӯи таомҳои саркут ишора намуд. — Бештарини ҷавонзанҳои ба денрождения омадагӣ забонашонро як ваҷаб дароз карда, аз бозори иқтисодӣ, камии маош, нарасидани пулашон меноланд. Ҳеҷ шукр намегӯянд.

— Боҷаам куҷо? — пурсид Ҳасанҷон. — Дар берун ҳам наменамоянд.

— Бечораи бачем, — бо алам мегуфт кампир. — «Набинам ҳам, насӯзам ҳам» гуфта чоштгоҳӣ ба куҷое баромада рафт. Ҳанӯз наомадааст.

Ҳасанҷон боз ду қадами дигар пеш омада, ба рӯи мизҷо, ба таомҳои саркут дурусттар зеҳн монда нигарист. Дар ҳақиқат ҳам, сӯзу пази кампир ҷон дошт. Дохили хӯрокҳо ифлос, хокистар, боқимондаи сигарет, пӯчоқҳои пиставу донакшӯракро партофта буданд.

— Холаҷон, ин қадар таомҳои саркутро чӣ кор мекунетон? — дилсӯзона шавқманд шуда пурсид Ҳасанҷон. — Ақаллан молатон мешуд ҳам гапи дигар буд.

— Чӣ кор мекардем, Ҳасанҷон, — аз сари нав ба ҳасрат даромад кампир. — Соле чандин маротиба денрождения мегузарад. Дар ҳар кадомаш панҷ-шаш хел таом мепазанд. Ҳамеша аҳвол ҳамин хел. Чӣ илоҷ, одат кардаем. Келинамон аз охури баланд ем хӯрдагӣ. Ҳозир ҳам чиғилдонаш пур. Сарфакориро намедонад. Духтари директори база буд. Аз хурдиаш фақат бод додан, исроф карданро омӯхтагӣ. «Гап мешавад» гуфта, ба моли ҳамсояҳо ҳам намедиҳад. Шавҳараширо маҷбур мекунад, ки ҳамааширо ба бордони мошин андохта, шабона ба ҷои дур, ба чуқурие бурда партояд. Гапаш набарояд.

— Ҳай, ҳай, — чун куҳансолон сар меҷунбонд Ҳасанҷон. — Гуноҳи азим, ин корҳо оқибатҳои нағз намедиҳанд.

— Гуфтаҳоятон ростанд, Ҳасанҷон, — ӯро тарафдорӣ намуд кампир. — Ман ҳайронам, ки чаро чунин одамон кӯр намешаванд? Чаро нон гуфта кулӯхро намегазанд?

**(Давом дорад.)**

# Занги охир бурд моро ҳар куҷо...

Он рӯз саҳни ҳавлии мактаби таълими ҳамагонии рақами 44, ки дар яке аз ҷойҳои хушманзараи ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Тошканд воқеъ аст, аз ҳарвақта дида серодаму пурфайз буд. Чунки дар ин ҷо ид болои ид омада буд. Якум, ҷамъомад ба муносибати занги охирин, ки аз ба охир расидани соли хониш дарак диҳад, дуввум онҳое, ки бист сол қабл мактабро хатм карда буданд, вохӯрӣ доштанд. Ба ҳамин муносибат ба ин ҷо омӯзгороне, ки ба нафақа баромадаанду давраи пирӣ меронанд, хонандагон, муаллимон, падару модарон, намояндаи ҳокимияти ноҳия, хонандагоне, ки мактабро бист сол қабл хатм карда буданд, ҷамъ омада якдигарро муборакбод мекарданд. Аз чеҳраи хусусан омӯзгорону хатмкунандагон пай бурдан душвор набуд, ки замирашонро баробари шодиву фараҳмандӣ каме ноороми ҳам фаро гирифтааст. Ин бесабаб набуд. Чунки онҳо баъд аз супурдани имтиҳонҳо дигар дар синфхонаҳо ба ҳамдигар рӯ ба рӯ намеоянд, яке устозу дигаре шогирд буда наметавонанд. Ба қавле сатрҳои зерини шоирро замзама карда мегарданд.

*Занги охир бурд моро ҳар куҷо аз ҳам ҷудо.*
*То ҳанӯзам гиряи занги ҷудоӣ дар дил аст.*

Ҷамъомадро директори мактаб Муллобой Норматов кушода, ба хатмкунандагон дар супурдани имтиҳонҳо комёбиҳо, ба хонандагоне, ки ба таътил мебароянд, хуб гузаронидани онро хоста, ҳамаро бо занги охирин муборакбод намуд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки бинои мактаб ҳарчанд фарсуда шуда, чандин маротиба зери тозиёнаи танқид гирифта шуда буд, аз натиҷаи ҷамъбасти соли хониш пай бурдан душвор нест, ки дар хонандагон майли илмомӯзӣ баланд аст. Шояд ба ин аз як тараф боду ҳавои тозаи кӯҳистону табиати дилфиреб сабаб бошад, аз дигар тараф дар паси ин меҳнати суботкоронаву ҷонбозиҳои омӯзгорони мактаб ниҳон аст.

Дар соли хониши 2001-2002 ҳафт нафар хонанда аз фанҳои забони модарӣ, адабиёт, ҳуқуқшиносӣ, таърих, физика ва математика дар олимпиадаи ноҳиявӣ иштирок карда, ҷои аввалро гирифтааст. Хонандаи синфи 7 Дилшод Илёсов дар озмуни санъати бачагона аз рӯи равияи ҳайкалтарошӣ иштирок карда, аъзоёни ҳакамот ба ӯ ҷои аввалро муносиб донистааст. Хонандаи синфи 11-ум Лазизбек Шораҳмедов дар иди суруд, ки таҳти унвони «Ӯзбекистон Ватаним маним» («Ӯзбекистон Ватани ман») мегузарад, иштирок карда, дар минтақа ҷои аввалро гирифт.

Робитаи мактаб бо ҷамъомади шаҳрвандони деҳа қавӣ аст. Дар ин ҷамъомад раиси ҷамъомади шаҳрвандони Ҷаҳонобод Мирсодиқ Сафоев ба шаш нафар хонанда, ки дар ҷамъоварии пахтаву корҳои ҷамоатӣ фаъолона иштирок кардаанд, тӯҳфаҳои хотиравӣ супурд.

Намояндаи ҳокимияти ноҳия, дастпарвари мактаби мазкур, яке аз духтурони соҳибмалакаи ноҳия Иброҳим Тӯлаганов аз номи ҳокимияти ноҳия ҷавононро гарму ҷӯшон муборакбод намуда, гуфт, ки ҳар волидайну мураббӣ ва омӯзгор дар симои авлоди наврас одамони ҳамаҷониба баркамолро мебинанд, ки дар худ беҳтарин сифатҳои инсониро таҷассум гардонда, орзуву умедҳои калон доранд. Мо таманнои онро дорем, ки дониши аз дабистон гирифтаатон дар амалӣ гардондани корҳои нек, дар ба мактабҳои олӣ дохил шудан ёр гардад, пеш аз ҳама хушбахтӣ оварад.

Дастпарвароне, ки баъди бист сол гирди ҳам омаданд, он рӯз ҳам хурсанд буданду ҳам ғамгин. Аз он шодмонӣ мекарданд, ки баъди бист сол дар дабистоне, ки аввалин бор ба дасташон қалам додааст, боз ба дидори якдигар расиданд. Ба синфҳои хондаашон даромада, як лаҳза бошад ҳам давраи мактабхониашонро ба ёд оварданд. Вале аз он ғамгин буданд, ки аксар устодону шаш нафар ҳамсинфонашон ин дунёи фониро падруд гуфтаанд. Оре, умри одамиро ба обе, ки аз санг ба санг зада мегузарад, қиёс кардан мумкин аст. Гӯё дирӯзакак буд, ки онҳо села-села ҳамсинфон пас аз дарс дар саҳнаи дабистон дар соҳаҳои гуногуни илм, дар мавзӯи ахлоқ, одаму одамгарӣ баҳсу талош мекарданд.

Дастпарварон ба дабистоне, ки барояшон мӯътабар аст, бо дасти холӣ наомаданд. Сарфи назар аз душвориҳои иқтисоди бозаргонӣ барои мактаб 70 ҳазор сӯмина айёниятҳои дарсиву плакатҳо супурданд. Инчунин барои ҳамаи хонандагони синфҳои якум ҳам тӯҳфаҳои худро инъом карданд.

Дар ҳақиқат он рӯз онҳо лаҳзае бошад ҳам воқеаҳои 20-30 сол пешинаро ба ёд оварданд. Биёед беҳтараш ҳиссу ҳаяҷоне, ки онҳоро фаро гирифта буд, аз худи омӯзгорон шунавем.

— Дар ҳақиқат воқеаи сӣ сол қабл рух додаро ба хотир овардан душвор аст,— мегӯяд Назирбиоча Орифҷонова. — Лекин баробари дидани шогирдонам як ба як ба ёд овардам. Аз он хеле хушҳолам, ки онҳо маро аз ёд набаровардаанд ва ба дидорбинӣ даъват кардаанд. Албатта, комёбии шогирдон барои омӯзгор ифтихор аст.

— Имрӯз хурсандии маро ҳадду канор нест, — мегӯяд омӯзгори собиқадор Адашбой Мирҳомидов. — Бо шогирдонам, ки ҳар яке дар зиндагӣ пайроҳаи хешро ёфта, дар соҳаҳои гуногун кор мекунанд, баъд аз бист сол дидор дида руҳам ҷавону болида гардид.

Аминем, ки ҷамъомад, ки таҳти садои савту суруд рангоранг гузашт, аз хотири ҷамъомадагон то дер сутурда нахоҳад шуд. Хусусан баромади онҳое, ки соли гузашта ба остонаи дабистон қадам гузоштаанд ва роҳбариашонро Адашбой Мирҳомидов ва Тансуқҷон Аҳмедова бар ӯҳда доранд, ҷолибу дилнишин буд.

**Ш. ВАКИЛОВ.**

